# 6195 - Хонаводаи падарашро намешиносад, оё худро ба хонаводаи модараш нисбат медиҳад?

## савол

Хондаам, ки зан пас аз издивоҷ номи хонаводагии худро ба номи хонаводагии шавҳар бояд иваз накунад. Зеро он ба монанди даъво кардани насаби хонаводаи дигарест, ки ӯ аз он намебошад. Бояд ба номи хонаводагии падари худ боқӣ бимонад.

Инро мефаҳмам, вале агар номи хонаводагии падари худро надонам, чӣ коре анҷом диҳам? Оё дар номи хонаводагии модарам боқӣ бимонам? (Ман дар ҳоли ҳозир номи хонаводагии модарамро дорам). Ният дорам, ки номи аввали худро ба номи исломӣ иваз кунам, оё номи хонаводагиамро низ иваз намоям?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мансубияти инсан ба ғайри падари худ, ё ба қавме, ки ӯ аз онон нест, ҳаром мебошад. Чуноне, ки дар ҳадиси саҳеҳ омадааст. Аз Абузар ривоят шуда, ки аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) шунидааст, ки ӯ фармуд:

"Ҳар марде, ки огоҳона худро ба ғайри падари худ нисбат диҳад, куфр варзидааст .. ". Ривояти Бухорӣ (3371) ва Муслим (61).

Дар лафзи Бухорӣ: "Ҳар кас худро ба қавме нисбат диҳад, ки насаб ва қаробате бо онҳо надорад ... ".

Бар асоси мансубияти дурӯғин мафосиди зиёде аз ҷумла ноҳамоҳангӣ дар мавриди маҳрамият, мерос, ҳизона, вилоят дар никоҳ ва ғайра пайдо мешавад.

Вале чӣ кореро бояд анҷом дод. Мо ин саволро ба шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин пешниҳод кардем ва ӯ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад)  ба мо чунин посух дод:

Мумкин нест, ки ба ғайри хонаводаи худ нисбат дода шавад. Он ҷоиз нест. Ӯ бояд номашро иваз кунад.

Агар номи падар ва номи хонаводагии ӯро надонад, худро бо номи умумӣ, ба монанди Фотима духтари Абдуллоҳ, ё Фотима духтари Абдураҳмон номгузорӣ бикунад.

Аллоҳ донотар аст.